**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

**ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТ**

**КАФЕДРАИ ИНФОРМАТИКАИ АМАЛӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТ**

# ДАСТУРИ МЕТОДӢ

**доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ барои донишҷӯёнӣ ихтисосҳои 1-25011200 - информатикаи иқтисодӣ ва 1-98010101 – амнияти компютерӣ (таҳсилоти рӯзона ва фосилавӣ)**

**Душанбе – 2022**

ББК 36.65
А-45
УДК: 3.009 (100)

Бо қарори Шӯрои илмӣ - методии Донишгоҳи давлатии молия ва иктисоди Тоҷикистон суратмаҷлиси № 7/4.7 аз «23» феврали соли 2022 ба чоп тавсия карда шудааст.

**Муқарризон:** Сардори раёсати таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Қаландаров А.Ш.,
Мудири кафедраи математикаи олӣ ва информатикаи ДТТ, номзади илмҳои физикаю математика, дотсент Айдармамадов А. Ғ.

**Темурбекова С.Д., Аламшоева М.М.**
Дастури методӣ доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои 1-25011200 - информатикаи иқтисодӣ ва 1-98010101 - амнияти компютерӣ (усулҳои риёзӣ ва системаи барномавӣ). -Душанбе: ДДМИТ, 2022. - 39 саҳ.

Таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ яке аз самтҳои асосии таълим буда, барои дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявӣ равона карда шудааст. Бинобар ин дастури методӣ доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ мақсад ва вазифаҳои мушаххаси худро дорад, ки барои дар амалия истифода бурдан барои донишҷӯён таҳия гардидааст. Дастури методии мазкур имконият медиҳад, ки донишчуёне, ки ба таҷрибаомӯзӣ сафарбар мегарданд, дар раванди тачрибаомӯзӣ корҳои амалӣ, лабораторӣ, навиштани мақолаҳои илмӣ ва ҳисобботро аз худ намуда, дар амал тадбиқ менамоянд.

**©Темурбекова С.Д., Аламшоева М.М., 2022**

**Мундрича**

Сарсухан........................................................................................ 4
1. Мақсад ва вазифаҳои таҷрибаомузӣ........................................... 6
2. Ташкил, тартиби гузашатан ва роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзӣ......... 10
3. Вазифаҳои донишҷӯ...................................................................... 14
4. Ҳуҷҷатҳои ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ................................. 15
5. Талабот ба натиҷаҳои азхудкунии таҷрибаомӯзӣ...................... 15
6. Сохтор ва накшаи таҷрибаомӯзӣ.................................................... 17
7. Ҷамъбасти таҷрибаомӯзӣ ............................................................ 22
8. Омодакунии ҳисобот оид ба гузаштани таҷрибаомӯзӣ.............. 23
9. Ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ..................................................... 28
Рӯйхати адабиётҳои истифодашаванда............................................ 29
Замимаҳо 31

## Сарсухан

Фаъолияти инсон дар ҷомеаи итилоотии асри XXI ба ҷамъоварӣ, коркард, захиракунӣ ва дар асоси он пешкаш намудани моли интелектуалӣ ва қабули қарорҳои гуногун вобаста мебошад.

Барои озодона идора карда тавонистани сели (дастаи) иттилоотӣ мутахасиси ҳозираи соҳаи дилхоҳ бояд информасияҳои захиравиро дар асоси моделҳои математикӣ ва иттилоотӣ барои қабули қарор дар соҳаҳои гуногуни идоракунӣ ва иқтисодиёт пешкаш намуда тавассути компютерҳои фардӣ ва воситаҳои телекоммуникатсионию алоқа ба истифодабарандагони он дастрас намоянд.

Донишҷӯён, ҳамчун мутахасиси оянда дар фаъолияти минбаъдаи худ ҳама вақт бо зарурияти истифодаи компютерҳои фардӣ ва технологияҳои иттилоотӣ рӯ ба рӯ меоянд. Барои бомуваффақият ҳал намудани масъалаи мазкур, дар қатори азхудкунии маводҳои назариявӣ, иҷро намудани корҳои мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устод (КМРУ) ва корҳои мустақилонаи донишҷӯён (КМД) мувофиқи нақшаи таълимӣ, бояд онҳо таҷрибаомӯзии таълимию истеҳсолиро амали гардонанд.

Ҳамин тариқ тавассути таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ донишҷӯён, дониш ва малакаи ҳосилкардаашонро сайқал дода, маҳорати кории худро мустаҳкам менамоянд.

Таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ яке аз қисматҳои ҷудонашавандаи нақшаи таълим мебошанд, ки барои дар амал татбиқ намудани донишҳои гирифташуда равона карда шудааст. Дар раванди таҷрибаомӯзӣ донишҷуён метавонанд назарияро бо амалия омехта кунанд, ки он дар мувофиқа бо талаботҳои Стандарти олии касбии ВМИҶТ ва Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон доир ба ихтисосҳои 1-25011200 «Информатикаи иқтисодӣ» ва 1-98010101 - «Амнияти компютерӣ (усулҳои риёзӣ ва системаи барномавӣ)» пешбинӣ гардидааст. Нақшаи таҷрибаомӯзӣ дар асоси барномаи таълимӣ муайян карда мешавад. Дастури методӣ доир ба таҷрибаомӯзӣ аз тарафи

кафедраи тахассусӣ дар 5 сол як маротиба таъсис дода шуда, муовини якум, муовини ректор оид ба таълим дар асоси қарори Шурои илмӣ-методӣ онро тасдиқ мекунад. Барномаи кори таҷрибаомӯзӣ тартиб ва нақша – графикро барои гузаронидани таҷрибаомӯзии соли равон муқаррар мекунад ва аз тарафи мудири кафедраи тахассусӣ тасдиқ мешавад.

Таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ дар асосӣ чунин санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳавӣ тартиб дода шудааст:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 4 июли 2013 с. № 537;
- Стандарти давлатии таълимии ихтисоси 1-25011200 “Информатикаи иқтисодӣ”, ки мутобиқи қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11. 2019 таҳти № 16/110 тасдиқ шудааст;
- Низомномаи намунавии ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити низоми кредитии таҳсилот, бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2015 тасдиқ шудааст;
- Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12. 2016, №19/24 тасдиқ шудааст;
- Низомномаи намунавӣ дар бораи таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2014, № 18/10 тасдиқ шудааст;
- Низомномаи роҳбарӣ ба корҳои илмии донишҷӯён, рисолаҳои хатмкунии бакалавриат, кори дипломии мутахассис ва магистр дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31. 01. соли 2008 №2/17 тасдиқ шудааст.

## 1. Мақсад ва вазифаҳои таҷрибаомузӣ

Дар шароити муосир талаботи бозори меҳнат нисбат ба хатмкунандагони мактабҳои олӣ хеле зиёд шудааст. Дар шароитҳои мураккаби иқтисодӣ самаранок идоранамоии молияи ташкилотҳо, фирмаҳо ва ширкатҳо аз мутахассисони хадамоти молиявӣ дониши мукаммалро талаб менамояд, ки ин донишҳо назария, қобилияти таҳлилӣ ва малакаи таҷрибавиро дар бар мегиранд. Ба ин дараҷа муваффақ шудан бе низоми илмӣ асоснокшуда, ки дар он ҷо нақши асосиро шакли таҷрибавии таълим мебозад, ғайри имкон мебошад. Барои ҳамин таҷрибаомӯзии донишҷӯён қисми ҷудонашавандаи таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад.

Мақсади асосии таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ барои мустаҳкам намудани донишҳои назариявӣ мебошад.

Таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯ дар мактаби олӣ марҳилаи баанҷомрасида мебошад ва мақсадҳои зеринро дар назди худ мегузорад:

- мустаҳкам ва зиёд намудани донишҳои назариявӣ, пайдо кардан ва инкишофи малакаҳои таҷрибавии банақшагирӣ ва оияндабинии молиявӣ, гузаронидани кори назоративу таҳлилӣ, иҷрои ҳамаи ҳисоббаробаркуниҳо ва пардохтҳое, ки дар фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ ба вуҷуд меоянд;
- пайдо намудани малакаи тадқиқотҳои илмӣ ва кори ташкилӣ дар корхона;
- ҷамъоварӣ, пуррагардонӣ, таҳлил ва банизомдарории маводе, ки барои навиштани ҳисобот, кори хатмкунӣ заруранд, аз он ҷумла маърӯзаи илмӣ доир ба проблемаҳои молиявӣ, ки дар раванди таҷрибаомӯзӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

**1.1. Таҷрибаомӯзии таълимӣ.** Таҷрибаомӯзии таълимӣ барои омӯхтани мундариҷаи фанҳои таълимии кафедра равона карда шудааст, ки аз чунин ҳадаҳо иборат мебошад:

-мустаҳкам кардани донишҳои назариявӣ ва амалӣ;

-шинос шудан бо фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва фаъолияти кормандон;

-пайдо намудани малакаи тадқиқотҳои илмӣ ва кори ташкилӣ дар корхона;

- тақвият бахшидани фаъолияти ояндаи касбӣ.

**1.2. Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ.** Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ – раванди комплексие мебошад, ки дар он донишҷӯён намудҳои фаъолиятеро иҷро мекунанд, ки ихтисос муайян намудааст. Мақсади таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ аз он иборат мебошад, ки донишҳои назариявии гирифташударо дар истеҳсолот, яъне дар дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо мустаҳкам намоянд.

**1.3. Таҷрибаомӯзии пешадипломӣ.** Таҷрибаомӯзии пешадипломӣ – раванде мебошад, ки донишҷӯён донишҳои назариявии худро дар амалия тадбиқ намудан имконият доранд. Мақсади асосии таҷрибаомӯзии пешадипломӣ ин ба даст овардани донишҳои назариявӣ ва амалӣ мебошад, ки барои бомуваффақият ба итмом расонидан ва ҳимояи рисолаи тахассусии хатм равона карда шудааст.

### Вазифаи таҷрибаомӯзӣ

Вазифаҳои асосии таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар марҳалаҳои гуногуни таълим, вобаста ба курс ва самт (ихтисос) дар доираи талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва нақшаҳои таълимии амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқарраргардида, ифода мегардад. Инчунин дигар, вазифаҳои таҷрибаомӯзӣ ин аз худ намудани донишҳои назариявӣ ва амалӣ ва алоқаманди намудани онҳо, баланд бардоштани маҳорату малакаи донишҷӯён, муайян намудани асосҳои фаъолияти касби оянда ва омӯзиши сохтор ва фаъолияти корхона мебошад.

**Вазифаи таҷрибаомӯзии таълимӣ.** Вазифаҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ (шиносоӣ) дар муайян намудани асосҳои фаъолияти касби оянда ва баланд бардоштани маҳорат ва малакаи аввалини тахассусии донишҷӯ ифода мегардад. Он аз намудҳои таҷрибаомӯзии экскурсонӣ, шиносоӣ, таҳлилӣ иборат буда, аз рӯи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ муайян карда шуда, дар муассисаҳо, корхона, ташкилот ва ё ҷузъҳои сохтории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ гузаронида мешавад. Дар ҷараёни тачрибаомӯзии таълимӣ донишҷу бояд:

- омӯзиши барномаҳои асосии ҷустуҷӯ ва мубодилаи иттилоот дар шабакаҳои компютерӣ;
- намудҳо ва тартиби коркарди иттилоот (таҳлил ва ба низом даровардани маълумот, таҳияи гузоришҳо, мақолаҳо ва ғ);
- кор бо барномаҳое, ки барои бақайдгирии натиҷаҳои бадастомадаи корҳои илмӣ дар шакли гузоришҳо, презентатсияҳо, мақолаҳо ва ғ. заруранд;
- ташаккул додани қобилияти кор ба сифати корбари компютери фардӣ, истифода бурдани воситаҳои нигаҳдории иттилоотҳои беруна барои мубодилаи маълумот байни мошинҳо, истифода бурдани забонҳо ва системаҳои барномасозӣ барои ҳалли масъалаҳои касбӣ, кор бо таъминоти барномавии таъиншуда;
- гузаронидани тадқиқоти пеш аз лоиҳаи объекти лоиҳакашӣ, таҳлили системавии соҳаи предмет, муносибатҳои онҳо, интихоби маълумоти ибтидоӣ барои лоиҳакашии системаҳои иттилоотӣ, ҷамъоварии системаи иттилоотӣ, мутобиқ кардани замимаҳо ба шароити тағйирёбандаи кор;
- омухтани иттилоотҳо ва шаклҳои он.

**Вазифаи тачрибаомӯзии истеҳсолӣ.** Дар ҷараёни таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ донишҷу бояд донад:

- ба низом даровардан, муайян кардан ва мустаҳкам намудани донишҳои назариявӣ, ки ҳангоми тартиб додани дастури методӣ доир ба таълимӣ дар асоси омӯзиши таҷрибаи ин ё он корхона (ташкилот, муассиса) гирифта шудааст;
- ба даст овардани таҷрибаи амалии кор дар як даста;
- азхуд намудани малакаи касбии кор, инчунин мустақилона гузоштан ва ҳал намудани масъалаҳои амалии соҳаи иқтисодиёт, молия ва муносибатҳои қарзӣ;
- ҷамъоварӣ, таҳлил ва коркарди маводи зарурӣ барои таҳия ва навиштани ҳисобот оид ба таҷриба ва кори ниҳоии тахассусӣ (бакалавр);
- таҳлили вазъи молиявии ташкилот;
- такмил додани сиёсати молиявии ташкилот;
- баланд бардоштани самаранокии идоракунии вазъи молиявии корхона.

**Вазифаи таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ.** Вазифаи таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ аз рӯи талаботи барномаи таълимии самт (ихтисос)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси пурра азхудкунӣ ва такмил додани дониш, азбар намудани роҳу усулҳои ҷамъоварӣ намудани натиҷаҳо ва далелҳо оид ба мавзӯи кори хатмкунии бакалавр (кори дипломии мутахассис) ва ба даст овардани салоҳиятҳои касбӣ аз ҷониби донишҷӯён муайян карда мешавад.

Дар ҷараёни таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ донишҷӯ бояд донад:

- интихоби мавзӯи рисолаи хатми тахассусӣ;
- ҷустуҷӯ ва интихоби адабиёт (китобҳои дарсӣ, монографияҳо, мақолаҳо дар матбуоти даврӣ) оид ба мавзӯи рисолаи хатми тахассусӣ;
- таҳлили ҳамаҷонибаи ахбороти ҷамъшуда барои асоснок кардан;
- аҳамияти мавзӯи рисолаи тахассусии ниҳоӣ;
- вазифаҳо ва роҳҳои ноил шудан ба онҳо, инчунин натиҷаи интизории рисолаи ниҳоии тахассусӣ;

- омӯзиши фаъолияти як корхона (муассиса, ташкилот): дар соҳаи иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии фаъолияти тиҷоратӣ, омӯзиши дастурҳо, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ғайра;
- муайян кардани мушкилоти рушди корхона;
- кор карда баромадани тадбирҳои ташкилию техники бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда;
- муайян намудани натиҷаҳои молиявии корхона;
- таҳлили таъминоти иттилоотии фаъолияти тиҷоратӣ ва ғ.

## 2. Ташкил, тартиби гузашатан ва роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзӣ

Дастури методии мазкур метавонад ҳангоми дар муассисаҳои соҳаи истеҳсолӣ ва молиявию бонкӣ, дар пажуҳишгоҳҳои илмию тадқиқотӣ, дар ташкилотҳои савдо, сохтмонӣ ва нақлиётӣ, дар фирмаҳо, ширкатҳо, ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуд, холдингҳо ва дигар сохторҳои хоҷагидорие, ки дар асоси ҳисоббаробаркунии тиҷоратӣ ва худмолиякунонӣ фаъолияти тиҷоратӣ менамоянд гузаштани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломиро татбиқ намояд.

Ҷиҳати ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ банақшагирӣ ва амалӣ гардонидани чорабиниҳои зерин ҳатмӣ мебошад:
-муайян кардан ва интихоби макони гузаронидани таҷрибаомӯзӣ;
-бастани шартномаҳои тарафайн бо корхона, муассиса ё ташкилот;
-интихоби роҳбарон аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва корхона, муассиса ё ташкилот (дар асоси мувофиқаи қаблӣ бо онҳо) ва интишори фармоиши ректор;
-муайян намудани мавзӯъ, мақсад, вазифа ва супоришҳои инфиродӣ, таъмин намудани донишҷӯён бо барнома ва рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ, дастурҳои таълимию методӣ);
-сафарбар кардани донишҷӯён ба макони таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедра ва факултет.

Бо мақсади босифат гузаштани таҷрибаомӯзӣ, донишҷӯ бояд дар корхонаҳое, ки шӯъбаҳо (раёсатҳо, департаментҳо) ё ин ки зерсохторҳо оид ба идоракунии молиявӣ (шуъбаи иқтисодӣ, муҳосибот ва ғ.) доранд, таҷрибаомӯзиро гузаронад.

Маҳалли гузаштани таҷрибаомӯзӣ бо ихтиёри донишҷӯ, бо розигии кафедра ва факултет муайян карда мешавад. Дар ҳоле, ки донишҷӯ маҳалли гузаштани таҷрибаомӯзиро муайян карда натавонад, интихоби маҳалли таҷрибаомӯзӣ ба зиммаи раёсати мактаби олӣ вогузор карда мешавад.

Базаи гузаштани таҷрибаомӯзӣ ва тасдиқи роҳбари таҷрибаомӯзӣ дар асоси шартномаи басташуда бо фармони ректори мактаби олӣ ба амал баровარда мешавад.

Таҷрибамӯзӣ пурра бо мутобиқати нақшаи таълимии тасдиқшуда ташкил карда мешавад.

Муҳлати таҷрибаомӯзӣ аз тарафи ректори мактаби олӣ муайян карда мешавад.

Дар давраи таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ метавонад расман ба кор дарояд, ба шарте, ки кори ӯ бар зидди талаботи барномаи таҷрибаомӯзӣ набошад.

Ҳар як донишҷӯ бо якҷоягӣ бо роҳбари таҷрибаомӯзӣ нақшаи тақвимии инфиродиро тартиб медиҳад, ки ҳамарӯза вазифаҳои дар назди худ гузоштаро муайян менамояд.

Дар давраи гузаштани таҷибаомӯзӣ ҳар як донишҷӯ рӯзномаро пур менамояд, ки дар он ҳаҷм ва муҳлати кори иҷрошуда ба қайд гирифта мешавад. Рӯзнома мунтазам бо роҳбар тафтиш ва имзогузорӣ карда мешавад.

Мутасаддии асосии таҷрибаомӯзӣ роҳбари объекти таҷрибаомӯзӣ ҳисоб меёбад. Роҳбарии таҷрибаомӯзии донишҷӯён аз тарафи мактаби олӣ бо кафедраи «Информатикаи амалӣ дар иқтисодиёт» ба амал баровარда мешавад. Роҳбари ва назорат оид ба гузаштани таҷрибаомӯзӣ

ба зиммаи роҳбари таҷрибаомӯзие, ки аз тарафи кафедра тасдиқ гардидааст ва ба зиммаи роҳбаре, ки дар корхона таъин гардидаст, вогузор мешавад.

Роҳбари умумии таҷрибаомӯзӣ аз кафедра мудири кафедра буда, раванди таҷрибаомӯзиро назорат мекунад ва корҳои зеринро ба иҷро мерасонад:

- бо объектҳои таҷрибаомӯзӣ пеш аз оғози таҷрибаомӯзӣ робита пайдо менамояд;
- лоиҳаи фармоиши ректори донишгоҳро оид ба таҷрибаомӯзӣ вобаста ба нақшаи таълим таҳия менамояд, ки дар он ба ҳар як донишҷӯ объект ва роҳбари таҷрибаомӯзӣ вобаста карда мешавад;
- баъди анҷоми сессияи санҷишию имтиҳонӣ бо гурӯҳҳои академӣ оид ба тарзи гузаштани таҷрибаомӯзӣ маҷлис мегузаронад ва роҳбарони таҷрибаомӯзиро муаррифӣ менамояд;
- дар якҷоягӣ бо роҳбарони таҷрибаомӯзӣ раванди таҷрибаомӯзиро таҳти назорати қатъӣ мегирад;
- пас аз анҷоми таҷрибаомӯзӣ қабул ва ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзиро ташкил мекунад.

Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ба донишҷӯ - таҷрибаомӯз дар ҳалли масъалаҳои амалӣ ва илмӣ, таҳлили маълумотҳои оморӣ ва ҳалли дигар масъалаҳо кумаки илмӣ-методӣ мерасонад.

**Вазифаҳои роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра**

Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- дар ҷаласаҳо оид ба таҷрибаомӯзӣ ширкат меварзад;
- ҳангоми тартиб додани нақшаи тақвимӣ мутобиқи барнома бо донишҷӯ корҳои маслиҳатдиҳӣ мегузаронад;
- вазифаи инфиродии донишҷӯро оид ба ҷамъ кардани мавод барои кори хатмкунӣ коркард менамояд;
- оид ба ҳамаи саволҳои таҷрибаомӯзӣ маслиҳат медиҳад;

- базаи таҷрибаомӯзиро аз назар гузаронида, дар ҷараёни таҷрибаомӯзӣ ширкат меварзад;
- ҳангоми гузаштани таҷрибаомӯзӣ иҷрои нақшаи тақвимиро назорат мекунад ва сифати кори донишҷӯро тафтиш мекунад;
- ҳисоботҳоро қабул мекунад, сифати онҳоро назорат мекунад ва кори анҷом додашударо баҳогузорӣ менамояд.

**Вазифаҳои роҳбари тачрибаомӯзӣ аз корхона**

Ба вазифаҳои роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз корхона дохил мешаванд:

- интихоби роҳбарон аз шумораи мутахассисони сертаҷриба;
- ҷобаҷогузории донишҷӯён дар ҷойҳои корӣ;
- таъминоти шароитҳои муътадили донишҷӯён: ҷобаҷогузории онҳо, ёрирасонӣ барои гирифтани маводи аслӣ, ташкили консултатсияҳо ва ғ;
- таъмини талабот нисбати донишҷӯ ҳам дар интизоми корӣ ва ҳам дар иҷроиши барномаи таҷрибаомӯзӣ;
- тартиб додани тавсифнома оид ба ҳар як донишҷӯ. Дар тавсифнома сифати корҳои иҷронамудаи донишҷӯ тибқи барномаи таҷрибаомӯзӣ, муносибати он ба кор, риояи интизоми меҳнатӣ, аз худ кардани малакаҳои истеҳсолӣ ва ғ. қайд карда мешавад;
- нусхаи охирини ҳисоботи таҷрибаомӯзии барои ҳимоя тайёршударо тафтиш менамояд.

**Корхона (муассиса, ташкилот), ки ҷойи таҷрибаомӯзӣ ба шумор меравад, ӯҳдадор аст:**

- дар асоси барномаҳои таҷрибаомӯзӣ ва ҳамин дастурамал таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро ташкил намояд;
- мувофиқи барнома ба донишҷӯён ҷойҳои самарабахши гузаронидани таҷрибаомӯзиро муҳайё кунад;
- ҳангоми гузаронидани таҷрибаомӯзӣ шароитҳои мусоидро барои ба даст овардани донишҳои ихтисосӣ муҳайё созад;
- нақшаи тақвимии гузаштани таҷрибаомӯзиро, ки донишкада тартиб додаст, риоя кунад;

- ба донишҷӯён истифодаи ҳуҷҷатҳои техникӣ ва маводи бойгониро иҷозат диҳад;
- ҳангоми ҷамъоварии мавод барои корҳои курсӣ ва дипломӣ кумак расонад;
- омӯзиши қоидаҳои муҳофизати меҳнат ва техникаи бехатариро гузаронад ва онро бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ тасдиқ намояд;
- аз тарафи донишҷӯёни таҷрибаомӯз риоя гардидани тартиботи дохилии меҳнат, саршавӣ ва ба итмом расидани корро, ки дар ташкилот ҷорӣ шудааст, таъмин ва назорат намояд;
- донишҷӯёнро ҳангоми гузаронидани таҷрибаомӯзӣ бо ҷои кор таъмин намуда, бо либосҳои муҳофизаткунанда мувофиқи меъёрҳои муқаррааргардида таъмин кунад;
- дар асоси фармони роҳбари корхона (муассиса, ташкилот) дар мавридҳои зарурӣ барои риоя накардани қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ба донишҷӯ танбеҳ дода, ба ректори донишкада хабар диҳад;
- ҳангоми рух додани фалокат бо донишҷӯёне, ки дар ҳамин корхона (муассиса, ташкилот) таҷрибаомӯзанд, ҷавобгарии пурраро ба зимма гирад.

### 3. Вазифаҳои донишҷӯ

Донишҷӯ ҳангоми гузаштани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ бояд:

- дар базаи таҷрибаомӯзӣ реҷаи кори амалкунанда ва шартҳои техникаи бехатариро риоя кунад;

- маҷмӯи саволҳои бо идоракунии молияи корхона вобастаи дар барнома пешбинигардидро омӯзад;

- дар ҷойҳои корӣ мутобиқи нақшаи тақвимӣ мустақилона вазифаҳои касбиро иҷро намояд;

- ҳамарӯза рӯзномаро дар шакли тасдиқгардида пур намуда барои тафтиш ва имзогузорӣ ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ дар корхона пешниҳод намояд;
- ҳисоботро тайёр кунад;
- барои навиштани кори хатмкунӣ маводи таҷрибавиро ҷамъ намуда онро таҳлил кунад;
- вазифаи инфиродии роҳбари кафедраро иҷро намояд;
- тайёр намудани ҳисобот оид ба гузаштани таҷрибаомӯзиро ба анҷом расонад ва дар муҳлати муқаррар гардида онро ҳимоя кунад;
- дастурҳои роҳбарони таҷрибаомӯзиро иҷро намояд;
- муҳлат ва фосилаи вақти гузаштани таҷрибаомӯзиро қатъиян риоя кунад.

**4. Ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ оид ба таҷрибаомӯзӣ**

Ба ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ оид ба таҷрибаомӯзӣ дохил мешаванд:

- Рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ, ки дар он корҳои рӯз ба рӯз бaанҷомрасонида дар ҷойи таҷрибаомӯзӣ дарҷ меёбад ва аз тарафи роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз объекти таҷрибаомӯзӣ ба имзо расонида мешавад.
- Ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ (дар ҳаҷми на кам аз 25 саҳифа ва дар шакли дастнавис).
- Тавсифномаи таҷрибаомӯз, ки аз тарафи роҳбари таҷрибаомӯзи навишта шуда, имзо ва муҳр гузошта шудааст.

**5. Талабот ба натиҷаҳои азхудкунии таҷрибаомӯзӣ**

**5.1. Таҷрибаомӯзии таълимӣ**. Талабот нисбат ба таҷрибаомӯзии таълимӣ аз он иборат мебошад:

- донишҷӯ бояд донишҳои назарияви оиди технологияи иттилоотии худро дар амалия истифода бурда тавонад.
- донишҷӯ бояд усулҳои дурусти ҷустуҷӯи иттилоот дар интернет аз худ намуда, онро дуруст истифода бурда тавонад.

- қобилияти ҷамъоварӣ, сабт, коркард, гурӯҳбандӣ ва ба низом даровардани иттилоотро тавонад;
- барои ҳалли мушкилоти корхона ё идорае, ки дар он таҷрибаомӯзӣ менамояд фикру андешаи худро баъди таҷрибаомӯзӣ дар ҳисобот батаври пешниҳод навишта тавонад.

**5.2. Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ.** Талабот нисбат ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ аз он иборат мебошад:

- мустаҳкам ва тадбиқ гардонидани дониши назариявии фанҳои азбаркардашуда;
- мутобиқсозии донишҷӯ ба шароити воқеии кор дар муассисаҳо ва ташкилотҳои гуногун, андӯхтани таҷриба дар коллективҳои меҳнатӣ, банақшагирии кор дар ташкилот, иртибот ва иртибот дар соҳаи фаъолияти касбии оянда;
- фароҳам овардани шароит барои истифодаи амалии донишҳо дар соҳаи фанҳои умуми касбӣ, тахассусии компютерӣ ва математикӣ;
- ташаккул ва такмили малакаҳо ва малакаҳои ибтидоии касбӣ дар соҳаи истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ;

**5.3. Таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ.** Талабот нисбат ба таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ аз он иборат мебошад:

- тадбиқи донишҳои назариявӣ дар амалия ҳангоми ба роҳ мондани фаъолияти корҳона;
- пешниҳодӣ вариантҳои ҷолиб ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои автоматикунонии корхона;
- технологияҳои тарҳрезии системаҳои иттилоотии ба касбӣ нигаронидашуда;
- талабот ба эътимоднокӣ ва самаранокии системаҳои иттилоотӣ дар фаъолияти корхона;
- таҳия ва ҳалли масъалаҳои тарҳрезии системаҳои иттилоотии ба касбӣ нигаронидашуда бо истифода аз усулҳо ва роҳҳои ҳалли гуногун;

- ба инобат гирифтани принсипҳои таъмини амнияти иттилоотӣ;

## 6. Сохтор ва нақшаи таҷрибаомӯзӣ

Таҷрибаомӯзӣ асосан дар шӯъба, раёсат, департаменти корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолате агар шӯъбаҳои молиявӣ вуҷуд надошта бошанд, он гоҳ таҷрибаомӯзӣ дар ҷойҳое, ки кори молиявӣ иҷро мегардад, гузаронида мешавад.

Дар вақти таҷрибаомӯзӣ лозим мебошад:

- бо фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ шинос шудан ва ба ҳолати молиявии он тавсияи умумӣ додан;
- сохтори шӯъбаи (раёсати) молиявии корхона вазифаҳо, тақсимоти вазифаҳо ва алоқамандӣ бо дигар хадамоти онро омӯхтан;
- самтҳои асосии кори молиявии корхонаро омӯхтан (табл. 1, 2, 3).

### 6.1. Сохтор ва нақшаи таҷрибаомӯзии таълимӣ (номгӯи мавзӯҳо)

| **Давра** | **Номгӯй** |
|---|---|
| Оғози таҷрибаомӯзӣ | Ба донишҷӯён омӯзонидани талаботҳои ҳифзи меҳнат, бехатарӣ аз сӯхтор, инчунин қоидаҳои дохилии меҳнат шинос шаванд. |
| | Омӯзонидани фанҳои тадрисшавандаи кафедра |
| | Татбиқи барномаи таҷрибаомӯзӣ дар мувофиқат бо барномаи кории таҷрибаомӯзӣ бо мақсади ба даст овардани малакаҳои ибтидоии касбӣ, аз ҷумла малака ва маҳорати ибтидоии фаъолияти тадқиқотӣ |
| | Татбиқи барномаи таҷрибаомӯзӣ мувофиқи вазифаҳои инфиродӣ, ки донишҷӯён бо мақсади ба даст овардани малакаҳои ибтидоии касбӣ, аз ҷумла малака ва маҳорати ибтидоии фаъолияти тадқиқотӣ мегиранд |
| | Аз худ намудани низомномаву стандартҳои таълимии ихтисос |
| Анҷоми таҷрибаомӯзӣ | Таҳия ва супоридани натиҷаи таҷрибаомӯзӣ (ҳимояи ҳисобот) |

### 6.2. Соҳтор ва нақшаи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ (номгӯи мавзӯҳо)

| Давра | Номгӯй |
|---|---|
| Оғози таҷрибаомӯзӣ | Шинос шудан бо сохтор ва хусусияти фаъолияти бахш |
| | Шиносоӣ бо низомномаи ташкилот вобаста ба таҷрибаомӯзии истехсолӣ |
| | Шиносоӣ бо ӯҳдадориҳои умумии функсионалӣ, қоидаҳои бехатарӣ дар корхона, дар ҷои кор, ҳангоми кор бо таҷҳизотҳо |
| | Шиносои бо фаъолияти кории шуъбаҳои дахлдор |
| | Шиносоӣ бо ташкили таъминоти иттилоотии шуъба ва амнияти иттилоотии ташкилот |
| | Омӯзиши сохторӣ ташкилот ва вазифаҳои функсионалии корхона, ташкили фаъолияти корӣ, тартиб ва усулҳои пешбурди баҳисобгирӣ; |
| | Гирифтани малакаи амалӣ ва муқоисаи назария ба амалия |
| | Ҷамъоварии маълумот доир ба таҳияи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ |
| Анҷоми таҷрибаомӯзӣ | Таҳия ва супоридани натиҷаи таҷрибаомӯзӣ (ҳимояи ҳисобот) |

### 6.3. Соҳтор ва нақшаи таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ (номгӯи мавзуҳо)

| Давра | Номгӯй |
|---|---|
| Оғози таҷрибаомӯзӣ | |
| **Фасли 1. Марҳилаи ташкилӣ ва тайёрии тачрибаомузӣ дар корхона** | |
| Марҳилаи 2. Омӯзиши мавзӯъ | Интихоби мавзӯи рисолаи хатм, омухтани адабиётҳои тавсиявӣ барои навиштани рисолаи хатм |
| Марҳилаи 3. Интихоби ҷои таҷрибаомӯзӣ | Омӯзиши технологияҳои таҳия, татбиқ ва нигоҳдории барномаҳои амалӣ дар корхона. |
| Марҳилаи 4. Таҳияи супоришҳои техникӣ доир ба таҷрибаомӯзӣ | Таҳия ва тасдиқи супоришҳои техникӣ барои таҷрибаомӯзии зинаи бакалавриат, ба расмият даровардани мактубҳо ва шартнома оид ба таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ |
| **Фасли 2. Ба макони таҷрибаомӯзӣ ҳозир шудан** | |
| Марҳилаи 5. Дастурамал оид ба таҷрибаомӯзӣ. | Шиносои бо сохтори ташкилот, омӯхтани оинномаи ташкилот, омӯхтани низомномаи таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ |

| Фасли 3. Шинос шудан бо сохтор ва хусусияти фаъолияти корхона ва воҳиди сохторӣ | |
|---|---|
| Марҳилаи 6. Дастурамал оид ба гузаштани таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ | Шиносой бо ӯҳдадориҳои умумии функсионалӣ, қоидаҳои бехатарӣ дар корхона, дар ҷои кор, ҳангоми кор бо таҷҳизотҳо |
| **Фасли 4. Гузаштани таҷрибаомӯзӣ дар шуъбаҳои муқараршуда** | |
| Марҳилаи 7. Шиносой бо ташкили таъминоти иттилоотии бахш, бо раванди тарҳрезӣ ва истифодабарии воситаҳои иттилоотӣ, бо маркази технологияҳои иттилоотиву комуникатсионии ташкилот | Шиносой бо хусусиятҳои умумии иқтисодии фаъолияти корхона. Омӯзиши воситаҳои нави технологӣ дар системаҳои иттилоотии иқтисодӣ, ки дар корхона истифода мешаванд. Омӯзиши қарорҳои асосии тарҳрезӣ оид ба системаҳои иттилоотӣ дар корхона (дар ташкилот) |
| Марҳилаи 8. Анҷоми супоришҳои техникӣ | Таҳия ва татбиқи системаи иттилоотие, ки самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотиро барои ҳалли масъалаҳо зиёд мегардонад. |
| Марҳилаи 9. Иҷрои супоришхо, кор бо забонҳои барномасозӣ | Истифодаи забонҳои барномасозӣ, самаранок истифодабарии таъминоти барномаҳои системавӣ, таъминоти барномаҳои амалӣ, хусусан дастаи барномаҳои амалӣ. |
| **Фасли 5. Ҷамъбасти таҷрибаомӯзӣ** | |
| Мархилаи 8. Ҷамъоварии маводҳо баҳри тартиб додани ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ | Ҷамъоварии маводҳо барои маъруза намудани натиҷаи таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ |
| Анҷоми таҷрибаомӯзӣ | Таҳия ва супоридани натиҷаи таҷрибаомӯзӣ (ҳимояи ҳисобот) |

Омӯхтани масъалаҳои асосии фаъолияти молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ бештар бо самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

6.1. Ташкили идоракунии фаврии молиявӣ

Ҳангоми гузаштани таҷрибаомӯзӣ бояд дар ҳисобот масъалаҳои зерин мавриди омӯзиш қарор гиранд:

6.1.1. Шароитҳои базавии идоракунии фаврии молияи корхона:

- мавҷуд будани корхонаҳо ва зерсохторҳои он;

- воридшавии корхона ба ташкилотҳои холдингӣ ва тавассути ин пайдошавии селаҳои пулӣ;

- бонкҳои тиҷоратие, ки ба корхонаҳо хизматрасонӣ менамоянд. Мавҷудияти суратҳисобҳои ҳисоббаробаркунӣ, асъорӣ ва дигар намуди суратҳисобҳо;

- бастани шартномаҳои молрасонии хоҷагидорӣ, раванди иҷроиши онҳо, таъминоти шартномаҳо бо захираҳои гуногун. Ҳангоми омӯхтани ин масъала дар шартномаҳои молрасонии пешбинишуда ба чорабиниҳои молиявӣ ва истифодаи онҳо диққати махсус бояд дод;

- ҳолати ҳисоббаробаркуниҳо бо харидорон барои мол ва хизматрасонӣ. Сабабҳои аз тарафи харидорон сари вақт напардохтани суратҳисобҳо ва чораҳои таъсиррасонӣ;

- шаклҳои ҳисоббаробаркунии дар корхона истифодашаванда, самаранокӣ, мақсади дар оянда истифода бурдан ва самти инкишофи онҳо;

- тарзи тартиб додани ҳуҷҷатҳои пардохтӣ ва иштироки донишҷӯ дар тайёрӣ ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба бонк;

- пай дар пай аз ҳисоб баровардани воситаҳои пулӣ аз суратҳисобҳои корхона;

- ҳисоббаробаркуниҳо ва барасмиятдарории пардохтҳои андозии корхона ба буҷет ва фондҳои ғайрибуҷетӣ;

- равшанӣ андохтан ба амалиётҳои содиротиву воридотӣ, ҳолати ҷории онҳо, гардишҳои барои корхона самаранок ва натиҷаҳои ҷории молиявӣ;

- амалиётҳо бо қоғазҳои қиматнок, мавҷудияти ҳолати сохтори ба талабот ҷавобгӯ буда, мазмуни амалиётҳо бо қоғазҳои қиматнок ва таъсири он ба натиҷаҳои молиявии корхона;

- селаҳои пулии корхона ва таъсири онҳо ба ҳолати молиявӣ.

6.1.2. Банақшагирии молиявию технологии фаврӣ

Дар ҳолате ки дар корхона тартиби коркарди банақшагирии молиявию технологии фаврӣ вуҷуд надошта бошад, онҳо бояд аз тарафи донишҷӯ мустақилона тартиб дода шавад

- Нақшаи хазинавии корхона. Таҷрибаи тартиб додани ин ҳуҷҷат ва мақсаднок будани он барои корхонаи мазкурро омӯхта, мустақилона ҳисоббаробаркуниҳоро барои давраи оянда гузаронад.

- Нақшаи пардохтӣ. Таҷрибаи тартиб додани нақшаи тақвимиро омӯхта, мустақилона барои давраи оянда ҳисоббаробаркуниҳоро иҷро намуда, нақши онро дар таъминоти пардохтпазирии корхона нишон додан.

- Ҳисоббаробаркуниҳои талаботи нақшавии корхонаро дар молиякунонии кӯтоҳмуҳлат барои давраи омадаистода амалӣ гардонад.

6.1.3. Корҳои назоративу таҳлилӣ оид ба идоракунии молиявии корхона

Аз тарафи донишҷӯён бояд самтҳои асосии фаъолият аз худ карда шаванд:

- кори хадамоти молиявии корхона оид ба таъмини назорат аз болои иҷрои нақшаи даромад аз фурӯши маҳсулот, дигар намуди даромадҳо, фоида, хароҷоти ҷорӣ;

- таҷрибаи тақсими хароҷотҳои ҷорӣ, доимӣ ва тағйирёбанда, назорати сатҳии онҳо;

- ҳисоббаробаркунии нуқтаи безарарӣ (меъёри рентабелноки) барои корхона;

- назорати сатҳи фишанги амалиётӣ дар корхона ва таъсирнокӣ ба натиҷаҳои молиявӣ ва технологӣ;

- назорати даромадноки дар корхона, ҳисоб карда баромадани сатҳ ва суръати афзоиши даромаднокии истеҳсолот, даромаднокии бароришиа молӣ ва намудҳои асосии маҳсулоти истеҳсолшаванда (корҳои иҷрошаванда ва хизматрасониҳо). Зери таъсири баландшавии нархҳо, камшавии хароҷоти истеҳсолот ва татбиқи ин ё ки дигар омилҳо имконияти афзоиши даромаднокии намудҳои асосии маҳсулотро мавриди омӯзиш қарор додан;

- назорати самаранок истифодабарии воситаҳои гардон дар муассиса. Равона кардани диққати махсус ба муайян намудани норасоиҳои воситаҳои гардони хусусӣ.

- назорати даромаднокии кӯтоҳмуддати маблағгузориҳо дар корхона.

## 7. Ҷамъбасти таҷрибаомӯзӣ

7.1. Шакли аттестатсияи натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ дар асоси нақшаи таълимии донишгоҳ бо назардошти талаботҳои Шӯрои илмӣ-методии ДДМИТ муқаррар мешавад.

7.2. Шакл ва намуди ҳисоботи (рӯзнома, ҳисобот ва ғайра) таҷрибаомӯзии донишҷуёнро донишгоҳ муайян мекунад.

7.3. Пас аз анҷом ёфтани таҷрибаомӯзӣ, донишҷӯ ҳисоботи хаттиро тартиб дода, рӯзномаи таҷрибаомӯзиро бо имзои роҳбари бевоситаи таҷрибаомӯзӣ аз корхона (муассиса, ташкилот) ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ месупорад.

Ҳисобот бояд маълумотҳоро оид ба кори мушаххаси иҷрокардаи донишҷӯ дар давоми таҷрибаомӯзӣ ва инчунин шарҳи кӯтоҳи корхона, муассиса, ташкилот (коргоҳ, шуъба, озмоишгоҳ ва ғайра), ташкили фаъолияти он, масъалаи муҳофизати мехнат, хулоса ва пешниҳодҳоро дарбар гирад. Барои тайёр кардани ҳисобот ба донишҷӯ дар охири таҷрибаомӯзӣ 2-3 рӯз ҷудо карда мешавад.

7.4. Барои қабули санҷиш (ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ) мудири кафедра комиссия таъсис медиҳад. Ба ҳайати комиссия устодони кафедра, роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ва аз рӯи имконият роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз корхона дохил мешаванд. Дар рафти санҷиш тавсифномае, ки роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз корхона (муассиса, ташкилот) додааст, ба инобат гирифта мешавад.

7.5. Баҳодиҳии таҷрибаомӯзӣ ба баҳодиҳии (санҷишҳои) омӯзиши назариявӣ баробар ҳисобида мешавад ва ҳангоми ҷамъбасти фаъолияти донишҷӯ ба инобат гирифта мешавад.

7.6. Донишҷӯёне, ки бо сабабҳои узрнок барномаҳои таҷрибаомӯзиро иҷро накарданд ё аз дигар мактаби олӣ бе гузаштани

ягон намуди таҷрибаомӯзӣ бо сабаби номувофиқии нақшаҳои таълимӣ ё бо сабабҳои дигар омадааст, аз 1- уми апрел то 1- уми май берун аз вақти таҳсил дар асоси нақша ва фармони ректор ба таҷрибаомӯзӣ фиристода мешаванд.

Донишҷӯёне, ки бе сабабҳои узрнок барномаҳои таҷрибаомӯзиро иҷро накарданд ё баҳои манфӣ гирифтаанд, ҳамҷун қарздори академикӣ бо тартиби муқарраршудаи оинномаи ДДМИТ аз сафи донишҷӯён хориҷ карда мешаванд.

**8. Омодакунии ҳисобот оид ба гузаштани тачрибаомӯзӣ**

Ҳисобот оид ба гузаштани тачрибаомӯзӣ дар асоси омӯзиши масъалаҳои дар барнома пешбинигардида тартиб дода мешавад. Дар ҳисобот бояд на танҳо тачрибаи ҷории амалисозии ин ё он амалиёти молиявӣ ва технологӣ, балки мавқеи ба донишҷӯ дастрас намудани донишҳо аз фанҳои ба кафедраи информатикаи амалӣ дар иқтисодиёт марбутбуда, таҳлили камбудиҳои мавҷудаи корхона аз назари танқидӣ низ инъикос ёбанд.

Агар дар корхона ягон намуд самтҳои фаъолияти молиявие вуҷуд дошта бошад, ки дар барнома пешбинӣ нашудааст, донишҷӯ бояд доир ба ин масъала донишҳои назариявиро нишон диҳад ва мустақилона ҳисоббаробаркунӣ ва шарҳдиҳиро иҷро намояд.

Ҳисобот аз қисмҳои зерин иборат мебошад;

1. Қисми мундариҷавӣ бо равшаннамоии ҳамаи саволҳо ва ҳисоббаробаркуниҳои лозима.
2. Иҷрои вазифаи инфиродӣ.
3. Замимаҳо.

Қисми мундариҷии ҳисобот бояд зерқисмҳои зеринро дар бар гирад:

1. Тавсифномаи кӯтоҳи техникиву иқтисодии корхона.
2. Ташкили идоракунии фаврии молиявӣ ва иқтисодӣ.

2.1. Шароитҳои базавии идоракунии фаврии молиявӣ ва иқтисодӣ.

2.2. Банақшагирии фаврӣ ва иқтисодӣ молиявӣ.

2.3. Кори назоративу таҳлилӣ оид ба идоракунии молиявӣ ва иқтисодӣ.

3. Оянабинии молиявӣ ва банақшагирии молиявӣ ва иқтисодӣ.

3.1. Ояндабинии ҳисобот оид ба фоида ва зарар.

3.2. Тартиб додани ҳисоббаробаркуниҳои нақшавии даромадҳо ва хароҷотҳо ба нақшаи молиявӣ ва иқтисодӣ.

3.3. Тартиб додани тавозуни нақшавии даромад ва хароҷот барои соли оянда.

**Вазифаи инфиродӣ** бо роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедра бо мақсаде кор карда баромада мешавад, ки дар вақти гузаштани таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ маводи таҷрибавиро ҷамъ карда ба тартиб дарорад ва онро барои навиштани кори хатмкунӣ истифода намояд. Инчунин ҳамин гуна маводро дар бисёри ҳолатҳо донишҷӯён метавонанд барои тайёр намудани маърӯзаи илмӣ оид ба масъалаҳои актуалии менеҷменти молиявӣ дар конфронсҳо истифода баранд.

Замимаҳои ҳисобот аз ҳуҷҷатҳои гуногуне, ки дар корхона дар раванди амалигардонии амалиётҳои молиявӣ истифода мешаванд, иборат мебошанд. Ба ҳисобот маҷмӯи хонапуришудаи шакли ҳисоботи солона ва шаклҳои иловагии ҳисоботи ба мақомоти андоз, фондҳои ғайрибуҷетӣ ва мақомоти омор пешниҳодшаванда ҳатман замима карда шавад.

Ба ҳисобот замима мегардад;

1. Тавсияи роҳбар аз корхона оид ба кори донишҷӯ-таҷрибаомӯз.
2. Нақшаи тақвимии инфиродӣ оид ба гузаштани таҷрибаомӯзӣ.
3. Рӯзнома оиди гузаштани таҷрибаомӯзӣ.

Ҳамаи маводи номбаршуда бояд ба таври муайян ороиш дода шаванд ва аз тарафи роҳбари корхона тасдиқ гарданд.

Ҳисобот бояд ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра на кам аз як ҳафта то анҷоми таҷрибаомӯзӣ пешниҳод карда шавад.

Ҳисобот тафтиш карда мешавад ва роҳбар бо имзои худ онро тасдиқ намуда, ба ҳимоя роҳ медиҳад.

Баъди тафтиши ҳисобот ва мувофиқати он ба талаботи мактаби олӣ роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра, рӯзи ҳимояи ҳисоботро таъин менамояд. Дар он рӯз донишҷӯ дар ҳузури комиссия ҳисоботи худро ҳимоя мекунад.

| N | Номгӯи амалҳое, ки холгузорӣ карда мешавад | Миқдори холҳои имтиёзӣ |
|---|---|---|
| 1 | Барои пурра ба таҷрибаомӯзӣ ташрифоварӣ | 6 |
| 2 | Барои муфассалии ҳисобот | 10 |
| 3 | Барои азхудкардани донишҳои амалӣ ва ҳимояи ҳисобот | 20 |
| 4 | Барои баҳои хуби тавсифнома | 4 |
| 5 | Барои мувофиқи барнома пур кардани рӯзнома | 5 |
| 6 | Барои бо ҳуҷҷатҳои амалӣ пурра таъмин будани ҳисобот | 15 |
| 7 | Барои таклифу пешниҳодҳои судманд нисбати мукаммалгардонии идораи молиявӣ | 10 |
| 8 | Барои таклифу пешниҳодҳои самараноки иқтисодӣ-молиявӣ дошта | 15 |
| 9 | Барои ҳамкории фаъолона бо мутахассисони сохтори молиявӣ | 10 |
| 10 | Барои иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятии мақомоти молия | 5 |
| | **ҲАМАГӢ** | 100 |

Комиссия вобаста ба сатҳи дониши донишҷӯ дар вақти ҳимоя ҳисоботи донишҷӯро муҳокима намуда, мувофиқи ҷадвали зерин ба ӯ холҳои ҳавасмандгардонӣ ва баҳо мегузорад.

## НИЗОМИ БАҲОГУЗОРӢ

| N | Баҳои ҳарфӣ | Миқдори холҳо | Миқёси фоизи ҷавоби дуруст | Баҳои ададии пештара |
|---|---|---|---|---|
| 1 | A | 4,0 | 95-100 | **Аъло** |
| 2 | A- | 3,67 | 90-94 | |
| 3 | B+ | 3,33 | 85-89 | **Хуб** |
| 4 | B | 3,0 | 80-84 | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 5 | B- | 2,67 | 75-79 | |
| 6 | C+ | 2,33 | 70-74 | **Қаноатбахш** |
| 7 | C | 2,0 | 65-69 | |
| 8 | C- | 1,67 | 60-64 | |
| 9 | Д+ | 1,33 | 55-59 | |
| 10 | Д | 1,0 | 50-54 | |
| 11 | F | 0 - 0,99 | 0-49 | **Ғайриқаноатбахш** |

## 9. Ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ

Баъд аз анҷоми таҷрибаомӯзӣ дар кафедра бо иштироки васеъи ҳайати комиссия ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ ташкил карда мешавад.

Ба ҳимоя донишҷӯёне, ки пурра барномаи таҷрибаомӯзро иҷро намудаанд, пешниҳод карда мешавад ва дар асосӣ ҳисобот ба ҳимоя роҳ дода мешавад.

Ҳисобот аз тарафи комиссияе, ки аз чор нафар иборат мебошад, қабул мегардад:

- мудири кафедра;
- роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра;
- устодони кафедра;
- дар ҳимояи ҳисобот метавонад роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз корхона низ иштирок намояд.

Дар рафти ҳимоя сатҳу сифати гузаштани таҷрибаомӯзӣ, азхудкунии масъалаҳо оид ба идоракунии молиявӣ ва технологӣ, камбудиҳои ошкоршудаи корхона ва пешниҳодҳо доир ба аз байн бурдани ин камбудиҳо маълум мегарданд. Аз он ҷумла сифати ороиши ҳисобот, равшанандозӣ ба саволҳои молиявӣ ё технологие, ки дар барнома вуҷуд доранд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ба натиҷаи ҳимоя баҳо гузошта мешавад, ки он ба замимаи диплом оид ба хатмкунӣ дохил карда мешавад.

Донишҷӯёне, ки ҳисоботи таҷрибаомӯзии истеҳсолии пешаздипломиро ҳимоя накардаанд, барои супоридани имтиҳони давлатӣ роҳ дода намешаванд.

**Рӯйхати адабиётҳои истифодашаванда ва тавсияшаванда барои ичрои дастури методӣ доир ба таҷрибаомӯзӣ:**

**Адабиёти асосӣ**


1. Выполнение научно-исследовательской работы студентами : метод. указания / Владим. гос. ун-т ; сост.: А. А. Шишелов, Е. В. Дмитриева, А. М. Игнатов. - Владимир : Изд-во Владим. гос. ун-та, 2006. - 28 с.
2. Основы экспериментального исследования в методике обучения иностранным языкам: учеб. метод. пособие [для студентов пед. вузов]: направление подгот. 050100.62 – Педагогическое образование (квалификация (степень) "бакалавр"): профиль "Образование в области иностранного языка" / Департамент образования и молодёж. политики Ханты-Манс. авт. округа – Югры, ГОУ ВПО ХМАО - Югры "Сургут. гос. пед. ун-т"; [авт.-сост. Н. В. Гераскевич]. – Сургут: [РИО СурГПУ], 2013. – 148 с.
3. Программа научно-исследовательской и научно-педагогической практик магистрантов/ Т.М. Шпильман, В.В. Романов; Оренбургский гос. ун-т. - 2010. - 27 с.
4. Лазарев, В.С. Подготовка будущих педагогов к исследовательской деятельности / В.С. Лазарев, Н.Н. Ставринова; Сургут. гос. пед. ун-т. – Сургут: РИО СурГПУ, 2007. – 162 с.
5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2004.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2003-2004.
7. Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи бонки миллии Тоҷикистон» -1997.
8. Қарори Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе 2002.
9. Шаропов Н. Бӯриева М. Фаъолияти суғурта Душанбе, 2010.
10. Оймаҳмадов Г.Н. Молия., «Нодир», Душанбе 2005.
11. Берлин. Финансы. Москва. М.: 2001.

12. Юджин Бригхен, Луис Гапенски. Финансовый менеджмент. пол. курс 2-х т. Пер. с англ. Под ред. Ковалева В.В. СПб.: Экономическая школа 2001.
13. Финансовый менеджмент: Теория и практика: учебник. Под ред. Е.С.Стояновой. 5-е изд. перераб. и доп. – М.: Перспектива, 2003.
14. Финансовый менеджмент: учеб. для вузов. Под ред. Г.Б.Поляка.
М. Финансы ЮНИТИ, 1997.
Принципы корпоративных финансов. 7-е издание Ричард А. Брили, Стюарт С. Майер, 2003.
15.Брейли Р., Майерс С. Принципы корпоративных финансов/Пер.с англ.М.: Олимп-бизнес, 1997.
16. Гулмирзоев Д.Г., Оймаҳмадов Г.Н. «Менеҷменти молиявӣ». Маориф ва фарҳанг. Душанбе 2004.

**Адабиёти иловагӣ**

1.Павлова Л.Н. Финансовый менеджмент: Учебник для вузов. – 2-е изд., перераб. и доп.-М.:ЮНИТИ-ДАНА,2003.-269 с.
2.Балабанов И.Т. Основы финансового менеджмента. Как управлять капиталом?. -М. Финансы и статистика, 1995.-384с.
3.Басовский Л.Е. Финансовый менеджмент: Учебник – М.: ИНФРА-М,2002– 240 с.
4.Бланк И.А. Основы финансового менеджмента. В 2-х т. М.: Ника-центр, 1999.
5.Ван Хорн Дж.К. Основы управления финансами. -Финансы и статистика,1996.-799 с.
6.Бланк И.А. Финансовый менеджмент: Учебный курс. Ника-центр,1999.
7.Ковалёв В.В.Финансовый анализ 2-е изд. перераб. и доп.-М.: Финансы и статистика, 1999. -512 с.

**Захираҳои интернетӣ**

1. http://tgfeu.tj/tj/students/student_news/nizom/
2. https://maorif.tj/asosi/nizomnomao

**Замимаи I**

**Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**
**Факултаи технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт**
**Кафедраи информатикаи амалӣ дар иқтисодиёт**

# ҲИСОБОТ

**Дар бораи гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар корхонаи**

**______________________________________________________**

**ноҳияи______________________________________(шаҳри, вилояти )**

**___________________________________________________**

**Иҷро кард: донишҷӯи соли 3 -уми ихтисоси 1-25011200**

**___________________________________________________**

**(ному насаб)**

Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз муассиса (корхона)

______________________ (имзо)

(Вазифа)

Роҳбар аз кафедра______________________ (имзо)

(дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ, ному насаб)

Душанбе-2022

Замимаи II

РӮЗНОМА-ҲИСОБОТ

**Нақшаи тақвимии гузаштани таҷрибаомӯзӣ**

| Мӯҳлати давомнокии корҳо | Ҷойи кори донишҷӯ |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |

Имзои роҳбарони таҷрибаомӯзӣ

Аз донишгоҳ _______________

Аз муассиса (корхона) _________________

I) Дар мавриди кушодани рӯзнома-ҳисобот, донишҷӯ барои ҳар як мавзӯъ ва пешниҳоду тавзеҳот саҳифаи алоҳида ҷудо менамояд.

Замимаи III

**Вазифаҳои фардӣ дар раванди таҷрибаомӯзӣ**

Вазифаҳои фардӣ оид ба таҷрибаомӯзии таълимӣ

1. Мундариҷаи вазифаҳои фардӣ

Имзои роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ___________

**Замима IV**

**Тақриз ба сатҳи донишазхудкунии донишҷӯ ҳангоми таҷрибаомӯзии таълимӣ**

**Ном ва насаби донишҷӯ**__________________________________________

**Гуруҳ ва ихтисоси донишҷӯ**_____________________________________

| **№** | **Меъёри арзёбӣ** | **Баҳогузорӣ** | | | | **Эродҳои роҳбари илмӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2** | **3** | **4** | **5** | |
| **1** | Аз худнамоии мавзӯ | | | | | |
| **2** | Мантиқан баён кардани мавзӯ | | | | | |
| **3** | Хусусияти баён кардани маводҳои таълимӣ | | | | | |
| **4** | Услуб ва инъикоси муаррифии мавзӯ | | | | | |
| **5** | Дар вақти муайянгардида баён кардани фикру ақида | | | | | |
| **6** | Сатҳи суханварии донишҷӯ | | | | | |
| **7** | Дар раванди таълим истифода бурдани маводҳо тавассути технологияи иттилоотӣ | | | | | |
| **8** | Маълумотнокӣ, баёни ақида дар раванди дарс | | | | | |
| **9** | Хатогиҳо дар раванди аз худкунии мавзӯ | | | | | |
| **10** | Халли мушкилоти ҷойдошта | | | | | |
| **11** | **Холгузорӣ аз ҷониби роҳбар** | | | | | |

**Баҳои умумӣ ба донишҷӯ**_________

**Ном ва насаби роҳбари илмии донишҷӯ**_______________

**Замима V**

**Тақриз ба сатҳи донишазхудкунии донишҷӯ ҳангоми таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ**

**Ном ва насаби донишҷӯ_________________________________________**

**Гуруҳ ва ихтисоси донишҷӯ____________________________________**

| № | Меъёри арзёбӣ | Баҳогузорӣ | | | | Эродҳои роҳбари илмӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2 | 3 | 4 | 5 | |
| 1 | Аз худнамоии мавзӯ | | | | | |
| 2 | Мантиқан баён кардани мавзӯ | | | | | |
| 3 | Хусусияти баён кардани маводҳои таълимӣ | | | | | |
| 4 | Услуб ва инъикоси муаррифии мавзӯ | | | | | |
| 5 | Дар вақти муайянгардида баён кардани фикру ақида | | | | | |
| 6 | Сатҳи суханварии донишҷӯ | | | | | |
| 7 | Дар раванди таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ истифода бурдани маводҳо тавассути технологияи иттилоотӣ | | | | | |
| 8 | Маълумотнокӣ, баёни ақида дар раванди таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ | | | | | |
| 9 | Хатогиҳо дар раванди аз худкунии супоришҳои аз ҷониби роҳбар додашуда | | | | | |
| 10 | Халли мушкилоти ҷойдошта | | | | | |
| 11 | **Холгузорӣ аз ҷониби роҳбар** | | | | | |

**Баҳои умумӣ ба донишҷӯ_________**

**Ном ва насаби роҳбари илмии донишҷӯ_______________**

**Замима VI**

**Тақриз ба сатҳи донишазхудкунии донишҷӯ ҳангоми таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ**

**Ном ва насаби донишҷӯ________________________________________**

**Гуруҳ ва ихтисоси донишҷӯ____________________________________**

| **№** | **Меъёри арзёбӣ** | **Баҳогузорӣ** | | | | **Эродҳои роҳбари илмӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2** | **3** | **4** | **5** | |
| **1** | Аз худнамоии мавзӯ | | | | | |
| **2** | Мантиқан баён кардани мавзӯи рисолаи хатм | | | | | |
| **3** | Хусусияти баён кардани маводҳои ҷамъовардашуда доир ба рисолаи хатм | | | | | |
| **4** | Услуб ва инъикоси муаррифии маводҳои ҷамъовардашуда | | | | | |
| **5** | Дар вақти муайянгардида баён кардани фикру ақида | | | | | |
| **6** | Сатҳи суханварии донишҷӯ | | | | | |
| **7** | Дар раванди таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ истифода бурдани маводҳо тавассути технологияи иттилоотӣ | | | | | |
| **8** | Маълумотнокӣ, баёни ақида дар раванди таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ | | | | | |
| **9** | Хатогиҳо дар раванди аз худкунии супоришҳои аз ҷониби роҳбар додашуда | | | | | |
| **10** | Мувофиқаткунии макони таҷрибаомӯзӣ (шуъбаҳо) вобаста ба мавзӯи рисолаи хатм | | | | | |
| **11** | Ҷой намудани натиҷаи таҷрибаомӯзӣ дар рисолаи хатм | | | | | |
| **12** | Ҳалли мушкилоти ҷойдошта | | | | | |
| **13** | **Холгузорӣ аз ҷониби роҳбар** | | | | | |

**Баҳои умумӣ ба донишҷӯ_________**

**Ном ва насаби роҳбари илмии донишҷӯ_______________**

Замимаи VII

# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

## ҲИСОБОТИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ИСТЕҲСОЛИИ ПЕШАЗДИПЛОМӢ

Донишҷӯи соли 4 таҳсили _______ факултаи технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт оид ба ихтисоси 1-25011200- информатикаи иқтисодӣ.

_____________________________________________________

( ному насаб)

Ҷойи таҷрибаомӯзӣ (номи корхона)

________________________________________________________

________________________________________________________

Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ

________________________________________________________

Роҳбар аз муассиса

(корхона)_________________________________________________

(ному насаб, вазифа, маълумот)

Давраи гузаштани таҷрбаомӯзӣ______________________________________

Рӯзҳои ба таҷрибаомӯзӣ ҳозиршуда__________________________________

Рӯзҳои ба таҷрибаомӯзӣ ҳозирнашуда________________________________

Санаи супоридани ҳисобот__________________________________________

Санаи ҳимояи ҳисобот______________________________________________

Баҳо _____________________________________________________________

Имзои роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва ё аъзоёни комиссияи кафедраи информатикаи амалӣ дар иқтисодиёт таъсис дода.

__________________________________________________________________

__________________________________________________________________

__________________________________________________________________

__________________________________________________________________

Замимаи VIII

**Намунаи муқоваи ҳисоботи таҷрибаомӯзии таълимии донишҷӯ**

**Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**
**Факултаи Технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт**
**Кафедраи информатикаи амалӣ дар иқтисодиёт**

# Ҳисобот

оид ба таҷрибаомӯзии таълимӣ

Иҷро кард: донишҷуи курси 1-уми ихтисоси
1-25011200- информатикаи иқтисодӣ
Каримова Гулнора Саидовна
роҳбари таҷрибаомӯзӣ: н.и.ф.-м.,
Фарайдунов Осим Қосумшоевич

Душанбе 2022

**Замимаи IX**

**Тақриз**

Оид ба таҷрибаомӯзии пешаздипломии донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 1-25011200 – информатикаи иқтисодӣ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар

______________________________________________________

(номи корхона)

Мӯҳлати таҷрибаомӯзии пешаздипломии донишҷӯи ихтисоси информатикаи иқтисодӣ

аз «__».______20_ то «__».______20_.

Ному насаби донишҷӯи дар таҷрибаомӯзӣ иштирокдошта

______________________________________________________

ҳамаи чорабиниҳои бо дастури методӣ доир ба таҷрибаомӯзӣ пешбинишударо дар сохтори мақомоти молия ва дигар сохторҳо реҷаи кории он ва намудҳои фаъолият дар сохторҳо анҷомдода (номгӯи мухтасари корҳои дар сохторҳо анҷомдода ва сифатҳои ахлоқию коразхудкунии донишҷӯ дар давраи таҷрибаомӯзӣ оварда мешавад).

Дар хулосаи тақриз сатҳи ба касб тайёр будани донишҷӯ, имконияти истифодабарии он дар ҷойи кор ҳамчун мутахассис, таклифи он барои кор ба мақомоти молия, истифода шудани донишҷӯи таҷрибаомӯз дар гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ва ё корҳои санҷишӣ, ки ба нафъи мақомоти молия ва дигари ноҳия ва соҳибкорҳо бошад, оварда мешавад.

Баҳои таҷрибаомӯзии донишҷӯ нисбат ба пурраю ҳаматарафа азхудкунии барномаи тақвимии таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ ва соҳибкасбшавии мутахассиси оянда дода мешавад.

Вазифа, ному насаби тақриздиҳанда ва ҷойи баргузории таҷрибаомӯзӣ, ки бо мӯҳр тасдиқ карда шудааст.

**ТЕМУРБЕКОВА СОФИЯ ДАВРОНБЕКОВНА,**

**АЛАМШОЕВА МУҲАЙЁ МУҚБИЛШОЕВНА**

# ДАСТУРИ МЕТОДӢ

**доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ барои донишҷуёнӣ ихтисосҳои 1-25011200 - информатикаи иқтисодӣ ва 1-98010101 – амнияти компютерӣ (таҳсилоти рӯзона ва фосилавӣ)**